**ЛОИҲАИ “МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ИНФРАСОХТОРИ МУҲИМ ҶИҲАТИ УСТУВОРӢ БА ЗИДДИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ”**

**МАЪЛУМОТ ОИД БА РАВАНДИ БАРҚАРОРСОЗИИ ПУЛҲО**

**Дар доираи Лоиҳаи “Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати устуворӣ ба зидди офатҳои табиӣ” дар ВМКБ 17 пули аз офатҳои табиӣ зарардида барқарор карда мешавад. Аз ҷумла, 8 пул дар ноҳияи Ванҷ, 3 пул дар ноҳияи Рӯшон, 4 пул дар ноҳияи Мурғоб ва 2 пул дар ноҳияи Дарвоз.**

**Дар давоми солҳои 2020-2021 корҳои сохтмонӣ идома ёфта, ба санаи 1 январи соли 2022 аз ин пулҳо 7 адад пурра барқарор карда шуда, мавриди истифода қарор гирифтанд. Оид ба пулҳои барқароргардида маълумоти мухтасар бароятон пешниҳод менамоем.**

**Пули №2** дар байни деҳаҳои Андарбак ва Лангари ҷамоати деҳоти Язгуломи ноҳияи Ванҷ барқарор карда шуд. Дарозии ин пул аз рӯи лоиҳаи нав 19,17 метрро ташкил медиҳад.





**Пули №2 ҳолати пешина ва пас аз барқарорсозӣ**

**Пули №3** дар байни деҳаҳои Лангар ва Вишхарви ҷамоати деҳоти Язгуломи ноҳияи Ванҷ ба дарозии 34,3 метр барқарор карда шуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.




**Пули №3.Ҳолати пешина ва имрӯза**

**Пули №4** дар минтақаи Ванҷи боло, дар байни деҳаҳои Техарв ва Удоб, дар болои дарёчаи Удоб бунёд шудааст. Дарозии пули нав 25,1 метрро ташкил дода, пеш аз купрӯк 153 метр ва баъди он 169 метр роҳ пурра навсозӣ карда шудааст. Ҳоло мавриди истифода қарор дорад.




**Ҳолати пешина ва ҳозираи пули №4**

**Пули №5** дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Техарв, дар деҳаи Чихох барқарор карда шуд. Дарозии пули нав 13,1 метр буда, аз ду тарафи пул 119 метр роҳ пурра навсозь карда шуд. Щоло мавриди истифода цaрор дорад.





**Ҳолати пешина ва ҳозираи пули №5**

**Пули №6** дар болои дарёи Ванҷоб, дар роҳи Ванҷ-Чихох- Поймазор барқарор карда шуда, деҳаҳои Техарв ва Чихохро бо ҳам мепайвандад. Дарозии пул 62,1 метрро ташкил медиҳад. Инчунин, 289 метр роҳи ду тарафи пул низ мавриди навсозӣ қарор мегирад. Ҳоло корҳои сохтмонӣ пурра анҷом дода нашудааст. Кор дар ин пул давом дорад.





**Пули №6. Ҳолати пешина ва ҳозираи пул**

**Пули №7** дар шоҳроҳи Ванҷ-Дуршер, дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Техарв барқарор карда шуд. Ин пул дар болои дарёчаи Оби Сед, дар наздикии деҳаи Сед ҷойгир буда, дарозиаш 25,1 метр мебошад. Дар баробари ин, 587 метр роҳи ду тарафи пул ҳам барқарор карда шуд. Имрӯз пул мавриди истифода қарор дорад.





**Пули №7. Ҳолати пешина ва имрӯзаи пул.**

**Пули №8** дар болои дарёчаи Ардобак, дар роҳи Ванҷ – Дуршер, ҳудуди ҷамоати деҳоти Ҷовидон барқарор карда шуд. Дарозии пули 25,1 метр буда, аз ду тарафи пул 258 метр роҳ пурра навсозӣ карда шуда, ҳоло мавриди истифода қарор гирифтааст.





**Пули №8. Ҳолати пешина ва ҳозираи пул.**

**Пули №9** дар шоҳроҳи Душанбе-Хоруғ, ҳудуди деҳаи Барӯшони ноҳияи Рӯшон  пурра барқарор карда шудааст  Дарозии пули 19,1 метр буда, ду тарафи он ба масофаи 414 метр пурра навсозӣ ва асфалтпӯш шудааст. Ҳоло мавриди истифодаи умум қарор гирифтааст.




**Пули №9. Намуди пешина ва ҳозира**